«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж. Б.________
«12» сентябри соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович ба доираи мавзуъ ва масоили таҳқиқии шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ, хусусан, банди 4-уми он мувофиқати комил дорад.

Асрҳои XI-XII дар таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик бо дарназардошти ба марҳалаи нави такомул ворид шудани шеъри форсӣ ва зуҳури чеҳраҳои машҳури адабӣ яке аз давраҳои муҳимми инкишоф ба шумор меравад. Аз ин нигоҳ, рисолаи доктории Ҳайдаров Фахриддин Наботович ба яке аз давраҳои муҳимми таҳаввули адабиёти форсу тоҷик бахшида шудааст. Сохтор ва бандубасти диссертатсия, равиши таҳқиқ, тариқи муҳокимаронӣ ва натиҷагириҳои диссертант қобили қабул буда, ӯ дар раванди таҳқиқ ба дастовардҳои муайян ноил гардидааст.

Диссертатсия дар рушду инкишофи як самти муҳимми адабиётшиносӣ – пажӯҳиши илмӣ роҷеъ ба рӯзгор ва осори адибон, ки дар мисоли Амир Муиззии Нишопурӣ таълиф шудааст, нақши бориз дорад. Масъалаҳои асосии таҳқиқ, ки дар иртибот ба муҳити сиёсӣ ва илмию адабии замони Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII), рӯзгор, осор, таҳқиқу нашри осор ва хусусиятҳои бадеии ашъори шоир ба миён гузошта шудаанд, барои таъйини нақши Муиззӣ дар таҳаввули сабки шеъри асримиёнагӣ ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик судманд хоҳад буд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Амир Муиззии Нишопурӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ба сифати яке аз шоирони хуштабъ ва соҳибзавқ шинохта мешавад, зеро шоир дар баробари соҳиби девони ашъори фарогир будану сабки хос доштан ва эътирофи мақоми хоссааш, идомабахши бесобиқаи қасидаи классикӣ бо услуби хосси замони худ мебошад. Ӯ аз ҷумлаи намояндагони машҳури ҳавзаи адабии Марв дар замони Салҷуқиён

ба шумор рафта, таркиби девонаш аз жанрҳои қасида, рубоӣ, ғазал, китъа, таркиббанд, тарҷеъбанд ва мусаммат иборат мебошад.

Ашъори шоирони ин давр собит месозад, ки нуфузи адабиёти гузашта, махсусан, мактаби Рӯдакӣ кариб дар тамоми жанрҳои шеърӣ таъсиргузор будааст. Амир Муиззии Нишопурӣ аз қабили шоироне мебошад, ки ашъори ӯ дар асл бо сабку шеваи суннатӣ суруда шудааст ва дар заминаи таъсирпазирӣ ва эҳтироми хосса нисбат ба шоирони бузурги пешин дар пайравӣ ба ашъори онҳо эҷод гардидааст. Дар ин замина услуби ашъори Муиззиро метавон давоми сабку услуби шоирони каблӣ шуморид, чунки дар ашъори ӯ анъанаҳои беҳтарини гузаштагон идома ва такомул ёфтаанд. Дар ташаккули завқу табъ ва услуби ӯ шеъри асри X, аз ҷумла, сабки устод Рӯдакӣ, шеъри нимаи аввали асри XI ва суханварони ин давра таъсири амике расонидаанд. Дар баробари ин, сабку шеваи таълифи ашъораш тағйир пазируфта, ба навпардозиҳои назаррас ноил гаштааст.

Замони зиндагӣ ва эҷоди Амир Муиззӣ даврони рушди адабиёти дарборӣ, бахусус, жанри маъмули он – қасида мебошад. Дар ин давра, махсусан, қасидаи мадҳӣ рӯ ба инкишоф ниҳода буд ва ба сифати жанри ғолиб дар эҷодиёти Муиззӣ аз ҷиҳати фарогирии муҳтаво дар таҳнияти ҳокимони Салҷуқӣ, фатҳу ғолибиятҳои эшон дар набардҳои ҳарбӣ, қаҳрамониҳои сарлашкарони ин сулола ва амсоли инҳо суруда шудаанд.

Қасидаҳои Муиззӣ, ки ба воқеаҳои таърихӣ бахшида шудаанд, барои омӯзиши воқеаҳои таърихии замони Салҷуқиён аз аҳаммияти хос бархурдоранд. Амир Муиззӣ дар баробари мадҳу ситоиши мустақими салотину амирони Салҷуқӣ ҷангу набардҳои онҳоро низ дар қолаби мадҳ тасвир намудааст. Аз ин лиҳоз, як қатор ашъори шоир дар баробари арзиши адабӣ доштан аз нигоҳи таърихӣ низ қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Гирдоварию тадвин ва таҳқиқу баррасии мероси адабии ин давра, махсусан, ашъори Муиззӣ ва таъйини мақоми адабии ӯ барои мутахассисони соҳаи адабиётшиносӣ вазифаи муҳим ва рисолати азалии ҳар як адабиётшинос ба шумор меравад. Таҳқиқи таърихи адабиёти ин давра дар адабиётшиносии тоҷик, бавижа, дар замони соҳибистиқлолии миллӣ вусъати тоза пайдо намуда, то кунун идома дорад. Дар ин замина, таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ, шинохти муҳтаво ва махсусиятҳои бадеии ашъори ӯ, ки то кунун мухтасар ва ё номукаммал буд, аз аҳаммияти вижае бархурдор аст.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**. Дар натиҷаи таҳқиқ ва маводи андӯхта унвонҷӯ ба ин натиҷа расидааст, ки истифодаи гузоришҳои илмӣ ва самараҳои бадастомада дар раванди таҳқиқ, дар маҷмуъ, таълиму тадриси таърихи адабиёти форсу тоҷик ва хусусан, дар бахшҳои шеъри мадҳия, марсия, афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ, таркиб ва таъбирҳои шоирона ва ғайра бисёр

муҳим ва пураҳаммиятанд. Ашъори Амир Муиззӣ дар маърифати масоили назарии шеър, шинохти ҷанбаҳои мухталифи адабиётшиносии тоҷик, нақшу рисолати шоир дар эҷоди осори бадеӣ дорои арзиши шоистаанд. Хулосаю пешниҳодҳои довталаби дараҷаи илмӣ натиҷа ва бардошт аз баррасии масоили дар бобу фаслҳои рисола матраҳшуда буда, асос ва ҷанбаи устувори илмӣ доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Рисолаи илмии Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)» як падидаи илмии тозаву пурмуҳтаво маҳсуб ёфта, дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст ба таври ҷомеъ масъалаҳои марбут ба рӯзгору осори Муиззӣ дар иртибот ба муҳити адабии замони Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII) дар қолаби монографӣ таҳқиқ ва ҷамъбаст гардидааст. Дар баробари ин, диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар раванди таҳқиқ мақоми Муиззиро дар таҳаввули жанри қасида бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик мавриди баррасӣ қарор диҳад. Навгониҳои дигари кори таҳқиқӣ дар он аст, ки нақши Муиззӣ дар эҷоди анвои гуногуни шеърӣ, махсусан, рубоӣ, ғазал ва қитъа низ мушаххас гардида, корбасти як қатор санъатҳои бадеӣ дар ашъори шоир ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия** бар он асос меёбад, ки хулосаҳои муаллифи диссертатсия дар пешрафт ва вусъати таҳқиқоти илмӣ зимни баррасии масоили марбут ба адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII), нақду таҳқиқи ашъори шоирону намояндагони ин давра ёрӣ расонида метавонад. Илова бар ин, ба андешаҳои назарӣ ва нақду баррасиҳои муаллифи диссертатсия зимни омӯзиши минбаъдаи рӯзгор ва ашъори Муиззӣ метавон такя кард.

**Аҳаммияти амалии** кори таҳқиқии мавриди назар дар он зоҳир мешавад, ки маводи фароҳамомада, хулоса ва натиҷагирии илмии муаллиф дар ҷараёни таълифи китобҳои дарсии таърихи адабиёти форсу тоҷик ва нақди адабӣ, тадриси курсу семинарҳои махсус оид ба шеъру шеършиносӣ, навиштани рисолаҳои номзадӣ, доктории дараҷаи PhD, магистрӣ ва рисолаҳои хатм дар факултетҳои равияи филологӣ метавонанд ёрӣ расонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Ҳайдаров Фахриддин Наботович аз чанд ҷиҳат қобили эътимод мебошанд. Пеш аз ҳама, дар заминаи ҷустуҷӯ, нақду баррасӣ, муҳокимаю мубоҳиса ва дар асоси бурҳону далелҳо ба натиҷаҳои мушаххас расидани ӯ зоҳир мешавад. Кори таҳқиқии мавриди назар бо барномаҳои илмӣ пайванди амиқ дошта, дар ҳар фаслу зерфасл ва бобу дигар бахшҳои диссертатсия баҳсҳои пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои асоснок ба назар мерасанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя

пешниҳодшаванда низ асоси илмӣ дошта, натиҷаҳои таҳқиқ ба шакли ҷомеъ дар 25 банд манзур шудаанд ва боитминону асосноканд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Таҳқиқи вижагиҳои шинохти ашъори Амир Муиззӣ, аз ҷумла, саҳми ӯ дар эҷоди анвои гуногуни шеърӣ, хусусан, қасидаи классикӣ бо усули хос ва, дар ин робита, мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён бо дидгоҳи ғоявиву эстетикӣ асоси ин диссертатсия қарор гирифта, баррасии масоили марбут ба зиндагинома ва мероси адабии Амир Муиззӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, истиқлоли андеша ва мунозираҳои пурсуди илмӣ дар атрофи мавзуи таҳқиқшаванда, натиҷа ва хулосаҳои асосии бадастомада ҳамагӣ аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Дар баробари ин, нақши бевоситаи диссертантро ширкату суханрониҳо дар маҳфилу ҳамоишҳои илмӣ ва интишороти ӯ доир ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон собит менамоянд.

Дар маҷмуъ, дар диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович як зумра масъалаҳои мубрами марбут ба адабиётшиносӣ, аз ҷумла, таърихи адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XI-XII ва саҳми Амир Муиззӣ дар рушду инкишофи он мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шудаанд. Ҳамзамон, авзои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва илмию адабии замони шоир бо такя ба сарчашмаҳои муътабари таърихӣ ва адабӣ ва адабиёти илмии мавҷуд баррасӣ гардидааст. Махсусан, таҳлилу арзёбии вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва илмию адабии Хуросон дар замони рӯзгори Амир Муиззӣ, ки аз омилҳои муҳимтарини таъсирбахш ба мазмуну мундариҷаи осори бадеии шоир мебошад, масоили алоқаманд ба рӯзгори шоир, таҳқиқи осори Муиззӣ аз нигоҳи мавзуъ ва таъйини анвои адабии таркиби девони шоир ва ғайра ҷолиби таваҷҷуҳ ва шоистаи истиқбол мебошанд. Лозим ба зикр аст, ки дар диссертатсия тамоми ҷанбаҳои эҷодии шоир мавриди омӯзишу баррасии густурда қарор гирифтааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда**. Муҳтавои асосии диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович ва бардошту натиҷагириҳои ӯ аз таҳқиқи мавзуи мавриди назар дар 21 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, ки аз ин теъдод 15 мақолаи довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ дар робита ба муҳити адабии Салҷуқиён, ки дар диссертатсия таҳлилу арзёбӣ гардидааст, баёнгари он аст, ки таҳқиқ ба таври шоиста анҷом ёфта, бахши асосии он ҳангоми шарҳу баёни мафҳуму истилоҳоти марбут ба масоили шинохти илмии чеҳраи адабии як шоир ва таъйини мақоми ӯ дар як марҳалаи муҳимми таҳаввули шеъру шоирӣ маводи

қобили мулоҳиза аст. Ба таври умум, омӯзиши рӯзгор ва ашъори Амир Муиззӣ, нақши ӯ дар эҷоди анвои гуногуни адабӣ, дидгоҳи завқӣ-назарии Амир Муиззӣ дар шинохту маърифати масири эҷодӣ, рушду камоли ҳунарӣ, шахсияти адабӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз аҳаммияти хос бархурдор аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз нигоҳи сохтор аз муқаддима, 4 боб, 10 фасл, ки дар навбати худ, аз зерфаслҳо иборатанд, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳаҷми умумии он 385 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

**Боби аввали** диссертатсия **«Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмию адабӣ дар замони зиндагии Амир Муиззӣ»** ном дошта, аз 3 фасл фароҳам омадааст. **Фасли якум «Вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Хуросон дар замони Амир Муиззӣ»** унвон дошта, дар он дар асоси манбаъҳои таърихию адабӣ, маводди таҳқиқии муаррихони муосир ва, ба таври мухтасар, авзои сиёсию иҷтимоии замон низ баррасӣ шудааст. Ба андешаи диссертант, барои омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Амир Муиззӣ, ки дар чунин фазои сиёсию иҷтимоӣ зиндагӣ ва эҷод мекард, таваҷҷуҳ ба вазъи таърихӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Унвони **фасли дуюм «Авзои илмию адабии замон»** буда, дар он муҳимтарин хусусиятҳои рушду нумуи илму адаб дар замони шоир ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Аз ҷумла, дар ин робита ишора мешавад, ки замони рӯзгори Амир Муиззӣ, агарчи аз нигоҳи сиёсию иҷтимоӣ яке аз давраҳои ноором у вазнин ва пур аз кашмакашиҳо миёни сулолаҳои Ғазнавиёну Салҷуқиён, ҳокимони марказгурези Салҷуқӣ ва ихтилофоти динии руҳониён маҳсуб мееф т, аз нигоҳи зуҳури адибон, ташкили доира ва мактабҳои адабӣ, рушди адабиёт ва инкишофи жанрҳои адабӣ яке аз давраҳои муҳимми таърихи адабиёти форсу тоҷик маҳсуб мешавад. Диссертант ба таҳқиқи ин масоил мутаваҷҷеҳ шуда, дар такя бар масъалаҳои баррасишаванда ба ин натиҷа мерасад, ки дар ин давра шеъру шоирӣ равнақи бештар пайдо карда, доираи тарвиҷи адабиёти форсу тоҷик вусъати бештар касб менамояд.

**Фасли сеюм «Муҳити адабӣ дар замони Салҷуқиён»** номгузорӣ шуда, дар он бештар дар бораи таъсиси марказҳои адабӣ дар давраи мавриди назар маълумот дода шудааст. Дар ин замон рушди адабиёти дарборӣ шароит фароҳам меорад, ки дар шаҳрҳои азим, ба монанди Нишопур, Ҳирот, Марв, Балх ва амсоли он марказҳои бузурги адабӣ ба миён оянд. Бо вуҷуди ин, ба қавли диссертант рушду нумуи адабиёти дарборӣ дар ин давра дар яке аз марказҳои адабии давлати Салҷуқиён – шаҳри Марв низ бештар назаррас будааст.

**Боби дуюм**и диссертатсия – «**Рӯзгор ва осори Муиззӣ**» номгузорӣ шуда, аз **се фасл** таркиб ёфтааст. **Фасли аввал «Дараҷаи омӯзиши рӯзгор ва осори Муиззӣ»** унвон дошта, дар он масъалаҳои алоқаманд ба ахбори сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва маълумоти адабиёти илмии муосир баррасӣ шудаанд. Бино ба андешаи муаллифи рисола, аввалин сарчашмаи адабие, ки дар он роҷеъ ба рӯзгору осори Амир Муиззии Нишопурӣ иттилои муътамад дарҷ шудааст, девони маҳфузмондаи худи шоир мебошад. Гузашта аз ин, дар бораи рӯзгор ва ашъори Муиззӣ дар аксар сарчашмаҳои адабию таърихии асри XII ва баъд аз он иттилооти судманде ба назар мерасанд. Аз муаллифони сарчашмаҳо ягона шахсе, ки бо шоир воҳӯрда ва дар китобаш оид ба рӯзгори шоир, аз қавли худи ӯ, хабари нисбатан ҷолиб медиҳад, шоир ва олими асри XII Низомии Арӯзии Самарқандӣ мебошад. Ахбори Низомии Арӯзӣ аз он ҷиҳат арзишманд аст, ки аз забони худи Муиззӣ нақл мешавад. Дар диссертатсия, инчунин, ахбори муаллифони дигар сарчашмаҳо ва зикри пораҳои шеърии Муиззӣ ҳамчун шоҳид дар осорашон баррасӣ шудааст.

Таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ дар адабиёти илмии мавҷуд, пеш аз ҳама, дар адабиётшиносии ғарб, аз ҷониби А. Шпренгер шурӯъ мешавад. Аз нигоҳи таърихият дар адабиётшиносии рус омӯзиши рӯзгор ва осори Амир Муиззии Нишопурӣ бо нигоштаҳои Е. Э. Бертелс оғоз меёбад. Шинохти Амир Муиззӣ ҳамчун шоири тавоно ва ҷустуҷӯ дар аҳволу ашъори ӯ дар адабиётшиносии муосири тоҷик низ собиқаи беш аз яксара дошта, омӯзиши шарҳи ҳоли шоир дар Эрон бо нашри мақолаи Алиризо Хусравонӣ таҳти унвони «Шарҳи ҳоли Амир Муиззӣ» дар соли 1923 ибтидо мегирад. Муаллифони адабиёти илмии мавҷуд дар атрофи рӯзгор ва осори Муиззӣ баҳсҳои пурмуҳтаво карда, оид ба номгӯи ашъор, хусусиятҳои эҷодию анвои адабӣ ва муҳтавои ашъори ӯ мулоҳизаҳои судманд пешниҳод намудаанд, ки дар диссертатсия перомуни онҳо сухан рафтааст.

**Дар фасли дуюм – «Шарҳи ҳоли Амир Муиззӣ»** бо таваҷҷуҳ ба ишораҳои худи шоир дар ашъораш, ахбори муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва маълумоти муҳаққиқони муосир рӯзгори Муиззӣ дар диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант дар фасли мазкур дар асоси ахбори муътамади дастрас иттилоъ медиҳад, ки муҳити хонаводагӣ ба шоир имкон фароҳам овардааст, ки аз илмҳои замонаш ба таври комил хабардор гардад. Дар баробари ин, падари Муиззӣ – Бурҳонии шоир, ки амирушшуарои дарбори Алп Арслони Салҷуқӣ буд, дар ин робита, Муиззӣ аз ҷавонӣ ба дарбори Салҷуқиҳо дар робитаи амиқ қарор дошт ва мувофиқ ба камолоту завқи падараш ва дарбор донишҳои расмии замонашро гирифта, пеш аз ҳама, адабиёт ва, то дараҷае, дигар навъҳои илму маърифатро аз худ карда буд. Ҳамин тавр, муаллифи рисола бо додани маълумоти дақиқ роҷеъ ба валодату зодгоҳ, наврасию ҷавонӣ, ҳузури шоир

дар дарбор ва фарҷоми рӯзгори ӯ зиндагиномаи илмии шоирро барқарор намудааст.

Фасли **сеюм**и **боби дуюм** «**Осори Муиззӣ аз нигоҳи мавзуъ ва анвои адабӣ**» унвон дошта, дар он масъалаҳои «**таркиби жанрии нусхаҳои чопии девони шоир**» ва «**мавзуъҳои асосии эҷодиёти шоир**» таҳқиқ шудаанд. Тибқи иттилои диссертант, девони Муиззӣ дар Эрон панҷ маротиба, аз ҷумла, бо кӯшиши Аббос Иқболи Оштиёнӣ (1939), бо муқаддима ва тасҳеҳи Носири Ҳирӣ (1983), бо эҳтимоми Абдулкарим Ҷарбазадор (2010) ва бо муқаддима, тасҳеҳ ва таъликоти Муҳаммад Ризо Қанбарӣ бар асоси нусхаи Иқболи Оштиёнӣ дар соли 2006 ва бори дувум бидуни тағйиру иловаҳо дар соли 2014 ба табъ расидааст. Мундариҷаи матни девони таҳиянамудаи Аббос Иқбол дар маҷмуъ аз қасоид (466 адад), ғазал (60 адад), рубоӣ (175 адад), қитъа (34 адад), таркиббанд (3 адад), тарҷеъбанд (3 адад) ва мусаммат (1 адад) иборат аст. Дар сарчашмаҳои адабӣ, аз қабили китоби Заҳирии Самарқандӣ зери унвони «Ағроз-ус-сиёсат фӣ аъроз-ир-риёсат» се рубоӣ ва дар «Нузҳат-ул-маҷолис»-и Ҷамолиддин Халили Шарвонӣ 6 рубоӣ омадааст. Мустафо Дироятӣ зимни муаррифии нусхаҳои хаттии девон ва мунтахаби ашъори Амир Муиззӣ як рубоии шоирро меоварад, ки дар нусхаҳои чопии девони шоир ба назар намерасад. Ҳамзамон, як гурӯҳ олимони эронӣ бо такя ба як қатор сарчашмаҳои адабию таърихӣ теъдоди муайяни абёт аз ашъори Муиззиро пайдо кардаанд, ки дар нусхаҳои чопии девони шоир вонамехӯранд.

**Зерфасли сеюм**и **фасли сеюм**и **боби дуюм**и диссертатсия «**Анвои адабии таркиби девони шоир ва мухтассоти онҳо**» ном дошта, аз **панҷ бахш** иборат аст. Дар бахшҳои мазкур **қасидаҳои Амир Муиззӣ ва масъалаи ворисият**, **рубоиёт, ғазалиёт, муқаттаот ва анвои дигари адабии таркиби девони шоир ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.**

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, Амир Муиззӣ ба сифати амирушшуаро бештар ба мадҳи салотини Салҷуқӣ пардохта, ашъори мадҳии қобили мулоҳиза ба мерос гузоштааст ва қисмати асосии девони шоирро қасида ташкил мекунад. Ба таъкиди дурусти диссертант, рубоӣ дар ашъори Амир Муиззӣ ҷойгоҳи хосса дошта, ин навъи адабӣ яке аз сабабҳои асосии карин ва соҳиби эҳтироми хосси Маликшоҳи Салҷуқӣ шудани Муиззӣ гаштааст. Гузашта аз ин, Амир Муиззӣ аз аввалин шоироне мебошад, ки жанри рубоиро ба ҳайати шеъри тавсифии дарбор ворид намудааст. Шоир дар душвортарин лаҳзаҳои зиндагӣ тавассути бадоҳатан сурудани рубоӣ аз имтиҳони рӯзгор сарбаландона гузашта, сазовори обрӯю эътибор шудааст.

Муиззӣ дар ғазалсароӣ низ шуҳрат доштааст ва мазмуни ғазалиёти шоирро дар баробари тавсифу ситоиши ҷамолу зебоии маъшуқ, карашмаҳою

нозу ғамза, розу ниёзи ошиқу маъшуқ, аҷзу ғурур ва ғайра, ҳамзамон, мадҳу ситоиши мамдуҳ низ ташкил мекунанд.

Қитъаоти шоир бо забони сода суруда шуда, мадҳу тавсиф, баъзе лаҳзаҳои рӯзгори шоир, инъикоси баъзе воқеоти таърихӣ ва дигар мавзуъҳои фарогири ин навъи шеъриро дар бар гирифтаанд. Новобаста аз он ки ҳунари хосси Муиззӣ қасидасароист, ба таркиббанд, мусаммат, ғазал, қитъа ва рубоӣ низ робитае нишон дода, дар ҳар як аз ин анвоъ табъозмоиҳое кардааст.

**Боби чоруми** диссертатсия «**Хусусиятҳои бадеии ашъори Муиззӣ**» унвон дошта, дар ин қисмат бештар ба хусусиятҳои бадеии ашъори шоир таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Фасли аввали боби мазкур, ки «**Вижагиҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии замони Салҷуқиён**» номида шудааст, ба таҳқиқу баррасии вижагиҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии замони Салҷукиён бахшида шуда, муаллифи диссертатсия мавзуи мадҳ ва махсусиятҳои онро аз замони Сомониён то даврони рӯзгори Амир Муиззӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Бо истинод ба маъхазҳои муътамад, диссертант ишора менамояд, ки барои мадҳ, сароғоз, ғолибан аз қасида истифода мешуд, чунки ин навъи шеър барои зикри фазилату бартарии мамдуҳ аз ҳар навъи дигар муносибтар аст. Тадриҷан шоирон барои мадҳу ситоиши мамдуҳи хеш анвои дигари шеърро ба кор мебурданд. Амир Муиззӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки дар ситоиши мамдуҳ аз навъи шеърии ғазал низ истифода кардааст. Дар баробари ин, дар мадеҳа нисбат ба даврони Сомониён ва Ғазнавиён муболиғапардозӣ бештар мегардад.

**Фасли дуюми боби чорум**и диссертатсия «**Васфи аносири давлат ва давлатдорӣ дар қасоиди Муиззӣ**» унвон дошта, орояҳои бадеии **муболиға** (иғроқ, ғулув), **ташбеҳ** ва анвои он, **истиора** ҳамчун мухтассоти асосии сабки сухани шоири маддоҳ таҳқиқ шудаанд.

Амир Муиззӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки беш аз ним аср умри худро дар ситоиши амирону кабирони сулолаи Салҷуқӣ сипарӣ намудааст, бинобар ин, девонашро аксар қасидаҳои мадҳӣ ташкил медиҳанд. Мамдуҳони шоир, аз ҷумла, Маликшоҳи Салҷуқӣ бо зикри унвон ва тахаллусҳои ифтихорӣ сутуда мешавад. Ҷузъиёти асосии ашъори мадҳу ситоишӣ, ки ба асбобу анҷоми подшоҳӣ тааллуқ доранд, дар диссертатсия бо зикри мисолҳои мушаххас оварда шудаанд.

Муаллифи рисола бар он назар аст, ки новобаста аз он ки Амир Муиззӣ бо корбасти саноеи бадеӣ суханашро ҳам аз нигоҳи шакл ва ҳам маънӣ муассиру зебо намудааст, чунин ба назар мерасад, ки сегонаи муболиғаву иғроқу ғулув бештар хосси шеъри мадҳию ситоишӣ мебошанд. Шоир тамоми маҳорату истеъдоди худро дар тавсифи мамдуҳ дар ин сегона истифода мебарад. Ба андешаи диссертант, ороёи адабии ташбеҳ низ дар шеъри мадҳии Муиззӣ басомади зиёд дорад. Ташбеҳ аз назари адабӣ дар шеъри Муиззӣ ба

сифати санъати балоғии аслӣ ба шумор меравад. Истиора низ дар ашъори Муиззӣ чашмрас мебошад. Дар ашъори шоир ҳар ду навъи истиора ба таври хеле васеъ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Баррасии ин навъи санъат дар шеъри Амир Муиззӣ боис гардидааст, ки шинохти бештари ҳунарнамоии ӯ дар арсаи хаёл ва дарки жарфтари шеъри ӯ таъйин гардад. Афзун бар ин, диссертант таъкид менамояд, ки шоир дар ашъори хеш аз истиораҳои аслия ва табаия фаровон истифода намудааст. Дар рисолаи баррасишаванда таҳлил ва таҷзияи саноеи лафзию маънавӣ бо овардани шоҳидҳои шеърӣ сурат гирифтааст, ки аз ҷиҳати зебоишинохтии шеъри шоир ҳусни рисоларо афзудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар 25 банд оварда шудаанд, ки натиҷаи ҷустуҷӯ ва баррасиҳои пурвусъати ӯ мебошанд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда, агар аз як тараф, паҳно ва вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи баланди илмии ин кор мебошад. Инчунин, ин нуктаро баҳсҳои диссертант бо муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар заминаи адабиётшиносӣ собит месозанд. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мутобиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия ва маводи нашрнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 15 номгӯйи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад. Илова бар ин, лаёқати баланди илмии диссертант қобили таваҷҷуҳ буда, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти адабиётшиносӣ иртибот доранд ва мувофиқат мекунанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои зиёди илмию таҳқиқӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани ҳусни илмии кор аз аҳаммият холӣ нест:

1. Ба андешаи мо, агар диссертатсия «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти форсу тоҷик» номгузорӣ мешуд, беҳтар мебуд, зеро Амир Муиззӣ

шоири бузурги форсу тоҷик аст ва месазад, ки мақоми ӯ дар доираи таърихи адабиёти форсу тоҷик муайян карда шавад.

2. Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия дараҷаи таҳқиқи мавзуъ омада, боз дар боби дуюм дараҷаи омӯзиши рӯзгор ва осори Муиззӣ оварда шудааст, ки, ба андешаи инҷониб, такрори бемаврид мебошад.

3. Дар диссертатсия ҷойе калимаи Шарвонӣ ва дар ҷойи дигар калимаи Шервонӣ омадааст ва агар он дар як шакли дуруст оварда мешуд, беҳтар буд.

4. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки мебоист монанди хулоса кутоҳ бошанд, дар диссертатсия муфассал оварда шудаанд.

5. Дар сархати сеюми саҳифаи 173-и диссертатсия мантиқи сухан халал ёфта, ибораи “таваҷҷуҳи калон” ноҷо истифода гардидааст.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии кори таҳқиқиро коҳиш намедиҳанд. Дар умум, кор пухтаву таҳқиқоти муфассал анҷом шудааст. Муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаро дар сатҳу савияи зарурии илмию таҳқиқӣ ба анҷом расонидааст. Аз диссертатсияи доктории тақризшаванда метавон маълумоти фаровон ва далелҳои ҷолиби таърихию адабӣ ба даст овард. Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ буда, онро ҳамчун дастоварди тоза дар адабиётшиносии тоҷик муаррифӣ намудан мумкин аст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06. 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардид.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима ва тасдиқ шудааст (протоколи № 2/1, аз 12-уми сентябри соли 2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 18 нафар.
Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 18 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, мудири
кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети
филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Салими Хатлонӣ

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети
филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, и. в. профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети
филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Шамсов Нурмад Сироҷович

**Имзоҳои С. Хатлонӣ, Ш. Исрофилниё ва Н.С. Шамсовро тасдиқ мекунам:**
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи С. Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734019,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Ф. Муҳаммадиев,17/6.
Тел: +992 (37) 2325000, 2328730, факс: 2325003
mail: rector@ddzt.tj; info@ddzt.tj; ddzt@ddzt.tj
Сомона: www.ddzt.tj
12-уми сентябри соли 2025.